*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 104 (4524) | ДУШАНБЕ, 22 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 19 августи соли 2022, № 399, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Билолзода Ф.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Билолзода Фарҳод аз вазифаи муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**



## МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ҶАЛИЛ РАҲИМӢ ҶАҲОНОБОДӢ

**22 августи соли 2022 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо раиси Гурӯҳи дӯстии парлумонии Эрон ва Тоҷикистон, узви Кумитаи амнияти миллӣ ва сиёсати хориҷӣ Ҷалил Раҳимӣ Ҷаҳонободӣ ва ҳамроҳони ӯ мулоқот намуд.**

Дар ҷараёни мулоқот Маҳмадтоир Зокирзода иброз намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парламенти он дар муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон таваҷҷуҳи хоса изҳор менамояд.

- Маҷлиси намояндагон бо парлумонҳои зиёди кишварҳои дунё равобити хуби кориро ба роҳ мондааст. Аз таҷрибаи якдигар самаранок ва бештар истифода мебарем. Парлумонҳо, воқеан, бозувони пуртавонои миллатҳо ва давлатҳо мебошанд, ки дар густариш ва тавсияи равобити байнидавлатҳо нақши босазо доранд, - таъкид намуд Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷиҳати густариши муносибатҳои байнипарлумонӣ 20 октябри соли 2011 пояи қарордодиву ҳуқуқии ҳамкориҳои дуҷонибаро бо имзои Ёддошти тафоҳуми ҳамкории байнипарламентӣ тақвият бахшиданд.

Боиси қаноатмандист, ки миёни Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Гурӯҳи дӯстии байнипарлумонӣ фаъолият менамояд.

- Бояд зикр намуд, ки дар заминаи робитаҳои байнипарлумонии кишварҳо қадамҳои устувор гузошта шудаанд. Ҷаласаи фосилавии Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки 15 марти соли ҷорӣ баргузор гардид, далели ин гуфтаҳост. Имрӯз вақти он расидааст, ки ин ҳамкориҳоро густариш диҳем. Метавонем дар ҷодаи табодули ҳайатҳои байнипарлумонӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадами якдигар дар низоми қонунофарӣ, иттилоотонӣ ҳамкориҳои судмандро тақвият бахшем, - гуфт М. Зокирзода.

- Моро мебояд аз таҷрибаи ҳамдигар самарабахш истифода барем, чунки фарҳангу забони муштарак, дину таърихи умумӣ барои мо авлавият медиҳад. Бо қаноатмандӣ бояд зикр намуд, ки дар заминаи робитаҳои байнипарлумонии кишварҳоямон дар ин масир қадами устувор гузошта шуд. Боздиди мутақобилаи ҳайатҳои парлумонии кишварҳо далели ин гуфтаҳост, - гуфт Ҷалил Раҳимӣ Ҷаҳонободӣ.

Раиси Гурӯҳи дӯстии парлумонии Эрон ва Тоҷикистон, узви Кумитаи амнияти миллӣ ва сиёсати хориҷӣ Ҷалил Раҳимӣ Ҷаҳонободӣ, ҳамчунин сафари ҳайати парлумонии Маҷлиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Тоҷикистонро оғози фасли навин дар раванди муносибатҳои парлумонии ҳар ду кишвари бародар шумурда, хостори тақвияти ҳамкориҳои маҷлисҳои ҳар ду кишвар аз тариқи фаъол намудани гурӯҳҳои дӯстии муштарак гардид.

Дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн низ дар раванди суҳбат мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар мулоқот сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирӣ Муҳаммадтақӣ иштирок намуд.

## Маҳмадтоир ЗОКИРЗОДА: «САФАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ТАВСЕАБАХШИ ҲАМКОРӢ МЕБОШАНД»



**22 августи соли 2022 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо фиристодаи махсуси Президенти Ҷумҳурии Корея, узви Маҷлиси миллии Корея Со Бёнсу ва ҳамроҳони ӯ, ки ба сафари корӣ ба Тоҷикистон ташриф овардаанд мулоқот намуд.**

Маҳмадтоир Зокирзода меҳмононро хайра мақдам гуфта, иброз намуд, ки ҳамеша аз дастовардҳои кишвари ба мо дӯст - Ҷумҳурии Корея хушҳолем.

Раиси парлумони касбии мамлакат, ҳамчунин иброз намуд, ки муносибат байни ҳар ду кишвар бо тақозои замон аҳамияти бештар касб намудааст.

Маврид ба таъкид аст, ки сафари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Корея тавсеабахши равобити дуҷониба гардида, ба татбиқи лоиҳаҳои муштарак такон бахшид, - гуфт Маҳмадтоир Зокирзода.

Бо узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо доираи ҳамкорӣ васеъ гашта, низоми савдои хориҷии кишвар шаффофтар ва монеаҳои маъмурию техникӣ пурра бартараф мегарданд.

Таъкид гардид, ки дар пешбурди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ нақши Комиссияи муштараки байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмӣ-техникӣ назаррас аст.

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фарҳангу маориф, ки аз самтҳои афзалиятноки кишварамон ба ҳисоб мераванд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Хеле шодем, ки дар доираи ҳамкориҳои фарҳангӣ дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон Маркази фарҳангии Ҷумҳурии Корея ифтитоҳ шуд. Дар иртибот ба ин, 30 марти соли 2016 дар шаҳри Душанбе чорабинии фарҳангии «Корвон» бо иштироки ҳунармандони мардумии Ҷумҳурии Корея баргузор гардид, ки хеле самимона пазируфта шуд, - афзуд Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Маҳмадтоир Зокирзода роҷеъ ба таҷрибаи Ҷумҳурии Корея вобаста ба технологияҳои замонавии иттилоотию коммуникатсионӣ ибрози назар карда, минҷумла гуфт, ки хуб мешавад, агар он мавриди омӯзиш ва истифодаи сохторҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирад. Барои ҷалби сармоя ва таъсиси корхонаҳои муштарак дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон ташкили намоишгоҳҳои маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят муфид мебошад.

Дар раванди суҳбат саҳми Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ (KOICA) дар татбиқи лоиҳаҳои марбут ба рушди неруи инсонӣ, рушди инфрасохтор, тиҷорат, энергетика ва фарҳанг мусбат арзёбӣ гардид.

Маҳмадтоир Зокирзода дар анҷоми мулоқот ба зиёд намудани бурсияҳои таҳсил барои донишҷӯёни тоҷик дар чаҳорчӯбаи барномаи Global Korean Scholarship ишора намуд. Дар мулоқот аъзои Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагон бо Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Корея иштирок намуданд.



***

**Ҳамин рӯз таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода мулоқоти аъзои Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагон бо Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Корея низ баргузор шуд.**

Дар он доир ба ҷанбаҳои гуногуни робитаҳои бисёрпаҳлуи Тоҷикистону Корея гуфтугӯи судманд сурат гирифт. Таваҷҷуҳи зиёд ба густариши ҳамкориҳои байнипарлумонӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ зоҳир гардид.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**22 августи соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Толибзода Ф. Н.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Накҳатзода М. К.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Толибзода Ф. Н.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Назирӣ Г. Н.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Салимзода А. А.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло М. Қ.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Файзулло М. Қ.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия озод намудани Файзулло М. Қ.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Файзулло М. Қ.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон интихоб намудани Раҷабзода Р. М.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Раҷабзода Р. М.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Қурбонзода М. Р.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Қурбонзода М. Р.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қурбонзода М. Р.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот баровардани Маликзод П. И.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон интихоб намудани Маликзод П. И.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Дӯстмуродзода С.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Дӯстмуродзода С.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният баровардани Матробиён С. Қ.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот интихоб намудани Матробиён С. Қ.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот интихоб намудани Шерализода М. У.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин интихоб намудани Гулаҳмадзода З. А.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назирӣ Г. Н.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Назирӣ Г. Н.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Комиссия оид ба одоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Назирӣ Г. Н.», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Космические коммуникатсии» оид ба ташаккули низоми комплексии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар доираи амалинамоии қисмати «Шаҳри бехатар» - и лоиҳаи «Шаҳри ҳушманд» дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар созишномаҳои байниҳукуматӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳ барои баррасӣ ба Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» низ дар алоҳидагӣ қарор қабул кард.

**АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло, «Садои мардум»**

# МУЛОҚОТИ АЪЗОИ ГУРӮҲИ ДӮСТИИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН БО МАҶЛИСИ ШӮРОИ ИСЛОМИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН



**22 августи соли 2022 раиси Гурӯҳи дӯстии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маҷлиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Файзулло Баротзода бо раиси Гурӯҳи дӯстии парлумонии Эрон ва Тоҷикистон, узви Кумитаи амнияти миллӣ ва сиёсати хориҷӣ Ҷалил Раҳимӣ Ҷаҳонободӣ ва ҳамроҳони ӯ мулоқот намуд.**

Дар он вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои байнипарлумонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Таъкид гардид, ки ҷониби Тоҷикистон, аз ҷумла парлумони касбии мамлакат, ба густариши муносибат бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, хоса баҳри таҳкиму тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

- Мо аз сатҳ ва мундариҷаи муносибатҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Исломии Эрон қаноатманд буда, омодаем, ки баҳри таҳкиму густариши бештари муносибати байни кишварҳоямон талошҳои муштарак намоем, - гуфт Файзулло Баротзода..

Мусаллам аст, ки дар ин раванд тамосҳои мунтазами сатҳи олӣ аҳамияти хосса доранд.

- Умед дорам, ки пас аз ин сафар равобити байнипарлумонӣ ба марҳилаи сифатан нав ворид хоҳад шуд, - изҳори боварӣ намуд номбурда.

Дар мулоқот, ҳамчунин аъзои Гурӯҳи дӯстии Маҷлиси намояндагон бо Маҷлиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон иштирок намуданд.

---

**19 августи соли 2022 дар толори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи ҷамъбастӣ - ҳисоботии фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



# ФАЪОЛИЯТИ «ҚОНУНГУЗОР» БАРРАСӢ ШУД

Дар ҷаласа муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Латифзода Асрор Қурбон, раиси фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагон Обидзода Фозил Саид, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Мирзозода Иброҳим Холмурод, узви фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагон, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ Убайдулло Қурбонзода, роҳбарият ва аъзои ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Қонунгузор»- и Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон иштирок намуданд.

Обидзода Фозил Саид дар сухани ифтитоҳӣ қайд намуд, ки тибқи муқаррароти дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2021, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузаронидани вохӯриҳо бо интихобкунандагон оид ба шарҳи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мусоидат ба амалигардонии Барномаи пешазинтихоботии ҲХДТ аз 4 январи 2022 то 10 январи соли 2022 ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафари хизматӣ анҷом доданд.

Дар давраи мавриди назар аъзои фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 35 ҷаласаи Шӯро ва 29 иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд, ки дар онҳо беш аз 665 санади меъёриву ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз рӯи масъалаҳои баррасишуда 466 қарори Шӯро ва 197 қарори Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраргардида қабул гардиданд.

Дар ин давра 127 қонун, аз ҷумла 20 қонуни мукаммал, 3 кодекс, 6 қонуни конститутсионӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ, 56 қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, 42 қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳо, беш аз 39 созишномаву протоколҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ баррасӣ гардидаанд, ки дар таҳияву такмили онҳо саҳми вакилон - аъзои фраксияи ҲХДТ хеле назаррас аст.

Дар идома муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Латифзода Асрор Қурбон ҳисоботи раиси фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021 -2022-ро натиҷагирӣ намуда, иброз намуд, ки аъзои он аз дастгириву роҳнамоиҳои пайвастаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бархӯрдор буда, баҳри амалисозии ҳадафҳои наҷибу олӣ, ки ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум равона гардидааст, кӯшиши бештар менамоянд.

Дар доираи чорабинӣ дар ташкилоти ҳизбии «Қонунгузор» - и Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси ҳисоботи - интихоботӣ доир гардид. Дар он чор масъала муҳокима гардида, вобаста ба масъалаи аввал ҳисоботи раиси ташкилоти зикршуда Оқилзода Наҷибулло Нурулло шунида шуда, қаноатбахш арзёбӣ гардид.

Сипас, Оқилзода Наҷибулло Нурулло раис, Абдусамад Эсанқулов муовин ва 4 нафар аъзои раёсати ташкилоти ҳизбии «Қонунгузор» - и Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Дар ҷаласа муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим иштирок ва суханронӣ намуд.

---

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# ДАСТОВАРДУ БУНЁДКОРИҲОИ ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ БЕНАЗИРАНД

**Дар ибтидои солҳои навадуми асри гузашта Ҷумҳурии Тоҷикистони тоза ба истиқлолиятрасида бо фитнаву дасисаи неруҳои ифротгарои дохилӣ, ки аз хориҷ идора мешуданд, ба гирдоби кашмакашҳои сиёсӣ гирифтор шуд. Дар натиҷа, мухолифати шадиди сиёсӣ доман зада, мамлакат ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он қурбониҳои зиёди ҷонӣ ва хисороти бузурги моддиву маънавиро бар ҷой гузошт. Мутаассифона, он шабу рӯзҳои мудҳиш касе барои хомӯш кардани оташи ҷанг ва гирифтани пеши роҳи хунрезӣ кӯшиш намекард, ба ибораи дигар, соҳибмақому ҳукуматдорони вақт ба гурӯҳҳои сиёсӣ тақсим шуда, ҳар яке ба хотири манфиати худ ба оташ «равған» мерехтанд. Сокинони мамлакат ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуданд, зеро иқтисодиёти мамлакат хароб, вазъи сиёсии ҷомеа рӯз то рӯз муташанниҷ мегардид.**

Кашмакашиҳои сиёсӣ Тоҷикистонро ба вартаи нобудшавӣ оварда, манфиатхоҳон ва хоҷагони хориҷии онҳо ба хотири ба порчаҳо тақсим кардани Тоҷикистон камар баста буданд. Дар он давра дар минтақаҳои гуногуни мамлакат ҷангу хунрезӣ ва харобкорӣ ба авҷи аъло расид. Сокинони ҳар минтақа ба гурӯҳҳо тақсим шуда, сарварони худро интихоб ва бо роҳҳои гуногун яроқу аслиҳа ва дигар муҳимоти ҷангӣ дарёфт карда буданд. Аркони давлатдорӣ ва сохтору мақомоти давлатӣ фалаҷ гардида, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол беқонунӣ ва беҳокимиятӣ ҳукмфармо шуда буд.

Барои расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ноил шудан ба зиндагии босаодат ва бунёди Тоҷикистони навин, ки ҳоло аҳли башар онро мешиносад ва эътироф мекунад, нафаре лозим буд, ки мардуми мамлакатро муттаҳид кунаду сулҳу созгори миллиро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол пойдор созад. Дар чунин шароити ниҳоят мураккаб ва душвори ҷомеа, ки вазъият дар пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе муташанниҷ буд, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид, ки вакилони вақти Шӯрои Олӣ барои расидан ба сулҳу суботи миллӣ ва хомӯш намудани оташи ҷанги шаҳрвандӣ фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуданд. Дар он шабу рӯзҳои басо ноумедӣ нахустин суханҳои умедворкунандаи Сарвари давлат: «Ман ба шумо сулҳ меорам» буд ва таъкид намуданд: «Мо бояд коре кунем, ки пеши роҳи хунрезӣ гирифта шавад» ва чунин ҳам шуд.

Роҳбари ҷавони тозаинтихоби Тоҷикистон корро аз қабули қарорҳои манфиатовар барои беҳбудии вазъи сиёсии мамлакат, беҳдошти сатҳи зиндагии мардум ва барқарор сохтани пояҳои фалаҷгаштаи давлатдории Тоҷикистон оғоз намуданд.

Дар ҷараёни кори иҷлосияи тақдирсоз нахустин қарорҳо ҷиҳати қатъи ҷангу хунрезӣ, таъмин намудани суботу оромӣ, сарҷамъ сохтани миллати тоҷик ва барқарорсозии сохти конститутсионӣ қабул гардиданд. Баъд аз анҷоми иҷлосия ва ҳамчун Сарвари давлат ба фаъолият оғоз намудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи сиёсии мамлакат тадриҷан ба эътидол омада, сулҳу оромӣ пойдор гардида, гурезаҳои иҷборӣ ба Ватан баргардонида шуданд. Барои расидан ба зиндагии шоиста қарору барномаҳои давлатӣ қабул гардиданд ва имрӯз Тоҷикистон ба кишвари рӯ ба тараққӣ табдил ёфтаву рӯз то рӯз барои расидан ба ҳадафҳои нек қадамҳои устувору созанда мегузорад.

Албатта, пешравию муваффақиятҳо осон ба даст наомаданд, балки Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба рӯзҳои нек хизматҳои шоёну ҷонфидоиҳои бемисл карданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушду инкишофи ҳама соҳаи мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинони кишвар дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ амалӣ шудани се ҳадафи стратегӣ - таъмини амнияти озуқаворӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсиониро барои Ҳукумати мамлакат маҳаки асосии фаъолият қарор доданд.

Ҳукумати мамлакат ҳанӯз дар солҳои аввали оғози истиқлолияти давлатӣ бо мақсади таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа ва пешгирӣ кардани гуруснагӣ 75 ҳазор гектар заминро ҳамчун заминҳои президентӣ ба аҳолӣ тақсим намуд. Он тадбири муҳим имкон дод, ки сатҳи гуруснагӣ дар мамлакат коҳиш дода шавад ва мардум бо истифода аз заминҳои президентӣ маҳсулоти ғизоиро пайдо намоянд. Ҳамчунин, ин тадбири муҳим ба ғанӣ гардидани бозори истеъмолӣ мусоидат карда, барои таъмини амнияти озуқаворӣ заминаи воқеӣ гузошт.

Таи ин солҳо ҳазорҳо гектар заминҳои нав обёрӣ гардида, илова бар ин, ҳар сол дар садҳо гектар замини обӣ кишти такрории зироатҳо гузаронида мешавад. Тақсими заминҳои наздиҳавлигӣ ва бунёди манзили истиқоматӣ низ барои эҳтиёҷмандон, ки ба беҳдошти сатҳи зиндагии мардум мусоидат намуданд, дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ҳиммати баланд амалӣ карда шуданд.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 21 декабри соли 2021 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии сокинони мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ, аз ҷумла, чунин иброз доштанд: «Дар бист соли охир 138 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба 1 миллиону 400 ҳазор оила барои бунёди манзили истиқоматӣ ҷудо карда дода шуд. Яъне, 8 миллиону 800 ҳазор нафар аҳолии кишвар имконият пайдо карданд, ки шароити истиқоматии худро беҳтар намоянд.

Хотирнишон месозам, ки дар 70 соли то замони истиқлолият барои бунёди манзили истиқоматӣ ҳамагӣ ба 530 ҳазор оила 77 ҳазор гектар замин дода шуда буд».

Дар бист соли охир рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 1,8 миллиард сомонии соли 2000-ум то 95 миллиард сомонӣ дар соли 2021 ва даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонӣ ба 28 миллиард сомонӣ расонида шуд. Ҳамаи ин нишонаи он аст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол бо амалӣ гардидани иқдомҳои созандаи роҳбарияти Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба тараққӣ мениҳад ва ба ҳадафҳои арзандаи рушди устувор наздик мешавад.

Яке аз тадбирҳои муҳим дар рушди иқтисодиёти мамлакат ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо соири кишварҳои олам ва додугирифти молу маҳсулот бо онҳо мебошад. Пайдост, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун кишвари аграрӣ шинохта мешавад, ҳиссаи саноат дар содироти маҳсулот кам аст.

Сарфи назар аз он ки дар 20 соли охир дар мамлакат зиёда аз 2000 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қариб чор баробар афзоиш ёфта бошад ҳам, вале ба хотири бештар кардани тавлиди маҳсулоти саноатӣ ва таъсиси корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти ивазкунандаи воридот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафи чоруми миллӣ ва солҳои 2022-2026-ро «Солҳои рушди саноат»- и мамлакат эълон намуданд.

Саноатикунонии босуръати мамлакат имкон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи саноат таъмин гардида, дар ин раванд даҳҳо ҳазор ҷои нави кор ташкил гардад. Танҳо соли 2021-ум 256 коргоҳу корхонаи нав бо 2500 ҷои кор ба фаъолият оғоз намуд.

Барои боз ҳам тезонидани суръати саноатикунонӣ имконияту иқтидорҳои истифоданашуда ҳанӯз зиёд буда, аз ҷониби роҳбарияти Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд пешбинӣ шудааст.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки истифодаи захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ имкон медиҳад, ки соҳаи саноат рушд намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот афзоиш ёбад ва саноатикунонии босуръати мамлакат таъмин карда шавад. Дар доираи татбиқи амалии ин иқдом дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат корхонаҳои нави саноатӣ бунёд гардида, нақшаи чорабиниҳо дар бобати сохта ба истифода додани боз садҳо корхонаи нави саноатӣ тарҳрезӣ гардидаанд, ки ин ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ замина мегузорад.

Татбиқи ҳадафи дигари стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсонӣ низ дар замони соҳибистиқлолии мамлакат барои сокинон шароити арзандаи рафтуомадро муҳайё намуд.

Таърих гувоҳ аст, ки аз сабаби кӯҳсор будани Тоҷикистон, мавҷуд будани ағбаҳои мушкилгузар, набудани роҳҳои мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ байни минтақаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол ва бо сабаби боришоти барфи зиёд роҳҳои ағбаҳо дар мавсими зимистон баста мешуданд ва рафтуомади сокинони ду вилояти ҷумҳурӣ ба пойтахт ба мушкилӣ сурат мегирифт. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва рӯзҳои аввалини роҳкушоӣ ҳангоми оғози корҳои сохтмонӣ дар нақби «Истиқлол» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми кишвар ва сохтмончиёну коргарони идораҳои сохтмонӣ муроҷиат карда гуфтанд: «Агар техникаву мошинолоти зарурӣ наёбем, ҳамин нақбро ба хотири расидан ба ҳадафҳои некамон бо нохунҳоямон меканем». Ин суханҳои самимии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дили сокинон шуълаи умеду бовариро ба ояндаи дурахшони мамлакат фурӯзон сохт ва мардум дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат шоҳиди даҳҳо чунин шоҳкориҳои аср гардиданд, ки амалӣ шудани онҳоро афсона мепиндоштанд.



Дар даврони соҳибистиқлолӣ барои таъмин намудани рафтуомади бемамониати мусофирон ва ҳамлу нақли молу маҳсулот дар ҳама фасли сол байни минтақаҳои кишвар, инчунин, раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он 59 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 24 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, 2 ҳазору 400 километр роҳ, 326 пул, 6 нақби мошингузар ва 219 километр роҳи оҳан сохта, ба истифода дода шуд.

Ба таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Бо амалӣ намудани корҳои зикргардида мо соли 2017 ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ ноил шуда, Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид табдил додем ва тавассути долонҳои нақлиётӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва дигар мамолики дуру наздики хориҷӣ пайвастани онро таъмин намудем».

Тибқи маълумот, алҳол дар соҳаи нақлиёт татбиқи 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии зиёда аз 11 миллиард сомонӣ идома дорад, ки барои ба кишвари муосири транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон мусоидат мекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 дар мавриди сохтмону бунёди роҳҳои мошингард аз ҷумла, чунин ифроз доштанд: «Соли 2021 лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Обигарм - Нуробод, Ҳулбук-Темурмалик-Кангурт, Данғара-Левакант-Бохтар, қитъаҳои Қалъаихумб-Ванҷи шоҳроҳи Душанбе-Кулма, Қизилқалъа-Бохтари шоҳроҳи Душанбе - Бохтар, Бекобод-Бобоҷон Ғафуров - Конибодом, сохтмони пул аз болои дарёи Панҷ дар мавзеи Кокули ноҳияи Фархор ва дарёи Ғунд дар шаҳри Хоруғ, таҷдиди роҳи мошингард ва бунёди долонҳои зидди тарма дар мавзеи Барсеми ноҳияи Шуғнон шурӯъ шуданд.

Дар панҷ соли оянда, яъне солҳои 2022 - 2026 боз сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Гулистон-Фархор, Ҷалолиддини Балхӣ - Қубодиён - Шаҳритус, Данғара - Гулистон - Кӯлоб, Рӯшон - Хоруғ - Кулма, Хуҷанд - Конибодом ва Хуҷанд - Ашт оғоз мегардад.

Дар давоми солҳои 2022 - 2026 зиёда аз 1000 километр роҳҳои мошингард, 53 пул, 7 нақб ва 5 долони зидди тарма бунёд карда мешаванд, ки қисми зиёди онҳо дорои сатҳи байналмилалӣ мебошанд».

Амалӣ гардидани нияту орзуҳои неки роҳбарияти Давлату Ҳукумати мамлакат, воқеан ҳам, ба баланд гардидани сатҳи некуаҳволии сокинон мусоидат намуда, Тоҷикистон ба кишвари бузурги транзитӣ табдил хоҳад ёфт.

Ҳадафи дигари стратегии мамлакат аз оғози соҳибистиқлолӣ расидан ба истиқлолияти энергетикӣ муайян гардида, то ба ҳол дар ин самт корҳои бузургу назаррас ба анҷом расонида шуданд. Бо мақсади расидан ба ин ҳадафи созанда ва истифодаи самарабахши неруи барқ дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 неругоҳи барқи обии хурду бузург, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ бунёду таҷдид ва дар маҷмӯъ, 75 фоизи инфрасохтори энергетикии кишвар навсозӣ гардида, беш аз 2000 мегаватт иқтидорҳои энергетикии иловагӣ низ бунёд ёфтанд.

Дар таърихи навини Тоҷикистон бо кашидани хатҳои нави баландшиддати неруи барқ миёни минтақаҳои ҷумҳурӣ системаи ягонаи энергетикӣ ба вуҷуд оварда шуд, ки он устувории фаъолияти соҳаро таъмин намуд.

Сохта ба истифода додани неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда -1», «Сангтӯда -2», ба истифода додани ду агрегати иншооти аср - Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва дигар неругоҳҳои барқи обии хурду миёна ва бузург аз иқдомҳои амалишаванда дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат дар самти расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат мебошад, ки дар амалӣ гардидани онҳо саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург аст.

Зимнан, истеҳсол ва истифодаи «энергияи сабз» аз ҷумлаи афзалиятҳои рақобатноки иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин самт, ҳоло дар Тоҷикистон лоиҳаҳои бузурги бунёди неругоҳҳои барқи обӣ амалӣ гардида истодаанд ва дар 7 соли оянда аз ҳисоби бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд» ва «Қайроққум» иқтидори энергетикии мамлакат иловатан ба 4 ҳазор мегаватт афзоиш дода мешавад.

Бунёдкориҳои арзишманди даврони соҳибистиқлолии давлат, ки дар муддати хеле кӯтоҳ ба даст омадаву ҳоло сокинони диёр аз онҳо қаноатмандӣ зоҳир менамоянд, ба шоҳкориҳои давр баробар буда, мардум садсолаҳо боз чунин пешравиҳоро надида буданд. Инчунин, боварии комил дорем, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро пешравиҳои нав ба нави иқтисодиву иҷтимоӣ дар пешанд ва мардуми ободкори сарзамин бо ҳадафу ниятҳои нек дар амалӣ гардидани иқдомҳои пешгирифтаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми бузург гузошта, бо иттиҳоду ҳамбастагӣ ва масъулиятшиносиву ҳисси баланди ватандӯстӣ ба зиндагии шоиста комёб мегарданд.

---

**АМИНИЁН**
**Хӯҷаназар Файзулло,**
**сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум»**

Бозгашт ба мавзӯъ

# ИҚДОМИ РАИЯТПАРВАРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЗУД САМАР ОВАРД

**Тавре ҳамватанонамон иттилоъ доранд, моҳи ноябри соли 2019 Президенти мамлакат, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ»-ро имзо карда буданд, ки моҳиятан идомаи мантиқии сиёсати раиятпарварона маҳсуб мешавад.**

Лозим ба ёдоварист, ки то қабули қарор шахсони воқеӣ ҳуқуқи машғул гардидан ба чунин тарзи фаъолиятро, ки миёни мардум чун заршӯӣ маъмул аст, надоштанд. Қабули қарори мазкур аз сафарҳои кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба манотиқи гуногуни мамлакат маншаъ гирифтааст, зеро дар ҷараёни сафарҳо мардум аз Роҳбари мамлакат дар ин хусус хоҳиш карда буданд.

Натиҷаҳои ин иқдомро мо зимни нишасти матбуотӣ (18 июли соли ҷорӣ) аз вазири молияи мамлакат Файзиддин Қаҳҳорзода пурсон шудем. Бино ба гуфти ӯ, аз замони қабули қарори зикршуда қариб 7000 нафар иҷозатномаи дахлдорро ба даст оварданд. Ба саволи корманди рӯзнома дар бобати ҳаҷми тиллои истихроҷшуда вазир минҷумла гуфт, ки дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ ашхоси мавриди назар ба нуқтаҳои хариди металлҳои қиматбаҳои дар маҳалҳо таъсисдодаи хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чор кило тилло фурӯхтанд. Ба андешаи масъулин, яке аз сабабҳои асосии бемайлон зиёд шудани сафи нафарони ба ин кор машғул ба сода будани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ рабт дорад.

Тавре вазири молия шарҳ дод, шахси воқеӣ аризаро барои гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба мақомоти молияи маҳаллӣ пешниҳод менамояд ва ҳуҷҷатҳои аризадиҳанда аз ҷониби мақомоти молияи маҳаллӣ дар муҳлати пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ пешниҳод мешавад. Баъд аз тасдиқ ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мақомоти молияи маҳаллии дахлдор ба аризадиҳанда дастрас мегардад.

Вобаста ба ҳуқуқҳои дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ зикр шуд, ки ӯ ҳуқуқ дорад, ки истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрдаро бо истифода аз асбобҳои дастӣ, техникаи иқтидори муҳаррикаш на зиёда аз 50 қувваи асп ва дастгоҳҳои хурди тиллошӯӣ, бо иқтидори истеҳсолии на зиёда аз $5м^3$/соат иҷро ва маҳсули бадастомадаро барои харидорӣ ба нуқтаҳои хариди металлҳои қиматбаҳои дар маҳалҳо расман амалкунанда ва корхонаҳои саноатие, ки дорои иҷозатномаи коркарди маъданро доранд, (ба истисnoи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо) пешниҳод намояд.



Табиист, ки дар баробари ҳуқуқ, барои дорандаи чунин ҳуҷҷат як силсила уҳдадорӣ муқаррар гардидааст, ки риоя намудани талаботи қонунгузорӣ оид ба технологияи пешбурди корҳо вобаста ба истифодаи қаъри замин ва бехатарии саноатӣ, барқарор намудани қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиие, ки ҳангоми истифодаи қаъри замин хароб шудаанд, дар минтақаҳои сарҳадӣ танҳо дар мувофиқа бо сохторҳои дахлдори қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудан аз ҳамон ҷумлаанд.

Барои бештар огоҳ шудани шаҳрвандон аз моҳияти ин иқдом аз масъулини Вазорати молия пурсидем, ки минтақаҳои барои фаъолият мувофиқ аз ҷониби кадом сохтор муайян ва ба номгӯи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда чиҳо ворид гардидаанд? Масъулин посух доданд, ки қитъаҳои водӣ ва шохобҳои дарёҳои ҷумҳурӣ ва сангрезаҳои доманакӯҳҳои дар шаҳру ноҳияҳо мавҷудбуда, ки дар онҳо канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ истихроҷ карда мешаванд, аз ҷониби Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд.

Донистан муҳим аст, ки ба номгӯи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда, ки истихроҷи онҳо бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ иҷозат дода мешавад, металлҳои қиматбаҳо ва ранга - тилло, нуқра, платина, қалъагӣ, волфрам, титан, минералҳои унсурҳои нодирзаминӣ, сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо - гурӯҳи корундёқути сурх ва ёқути кабуд, хризолит, топаз, азрақ, лаъл ва квартс дохил мешаванд.

Ашхоси чунин тасмимдошта бояд донанд, ки барои қитъаҳои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои заминсозӣ талаб карда намешавад. Ҳамчунин, мадди назар бояд дошт, ки ҳангоми истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданоки пошхӯрда аз ҷониби дорандаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ истифодаи маводи кимиёвӣ манъ аст.

Талаботи дигаре, ки шаҳрвандони дорои чунин фаъолият бояд риоя кунанд, фурӯхтани металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои истихроҷшуда ба хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба нуқтаҳои хариди металлҳои қиматбаҳои дар маҳалҳо таъсисдодаи хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар сурати дар шакли хаттӣ рад кардани харид аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ, маҳсулоти истихроҷшуда бояд ба дигар нуқтаҳои хариди металлҳои қиматбаҳои дар маҳалҳо таъсисёфта пешниҳод гардад.

Шаҳрвандон бояд дарк кунанд, ки пинҳон кардани маҳсулоти истихроҷшуда, инчунин, риоя накардани қоидаву талаботи бехатарӣ дар пешбурди кор, асос барои бекор кардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ шуда метавонад.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# РОДМАНИШ



**Инсони шариф дар зиндагӣ аз рӯи мафҳумҳои пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори некаш баҳо мегирад. Шахсе, ки андешаи хуб, некиву шафқат, меҳнати ҳалолро рисолати асосии хеш қарор додааст, ҷои ӯ ҳамеша дар дилу дидаи мардум мебошад.**

Солҳои тӯлонӣ мо бо марди нексиришт генерал-майор Худойқул Ҳамроқулов дӯстӣ дорем. Аз ин ҷо, бо бисер хислатҳои наҷиби ӯ аз наздик шиносем.

Нисбат ба зиндагиномаи ин генерали арзанда аз ҷониби ашхоси касбу кори гуногун таълифоти зиёд аст.

Қаҳрамони матлаб дар сарзамине ба дунё омадааст, ки даҳҳо арбобони фарҳангу илм ва ходимони ҷамъиятиву давлатӣ, ба монанди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Файзулло Ансорӣ, Ҷумъа Одина, Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ, Ӯрун Кӯҳзод, Лоиқ Шералӣ, Сорбон, Камол Насрулло, Холмурод Шарифов, Зайниддин Насриддинов ва дигарон ба камол расидаанд.

Аз рӯи нақли ҳамдеҳагон Х. Ҳамроқулов давомдиҳандаи амалҳои неку шоистаи бузургони рустои Фароби шаҳри бостонии Панҷакент аст. Деҳаи мазкур бо се вилояти Ҷумҳурии Ӯзбекистон - Самарқанду Қашқадарё ва Сурхондарё ҳамсарҳад мебошад. Гузаштагони Х. Ҳамроқулов шахсони баобрӯ, донишманд ва саховатпешаи ин диёр ба шумор мерафтанд. Мавсуф аз овони наврасиву ҷавонӣ ба андӯхтани фазлу дониш ва меҳнати ҳалол шуғл ва рағбати беандоза дошт. Барои дар ӯ тарбия намудани хислатҳои ҳамида саҳми устодони зиндаёдаш, муаллимони мактаби миёнаи деҳаи Фароб Абдунофӣ Бурҳонов, Кӯчбой Муродқулов, Қодир Насриддинов ва Бозор Неъматуллоев низ ниҳоят калон аст.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки аз соли 1971 то ба нафақа баромадан, асосан дар вазифаҳои роҳбарикунандаи мақомоти амният, Хадамоти гумруки Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе хизмат намудааст.

Дар ҳаёт ба бисёр пастиву баландиҳо дучор омада, бо ақлу заковати худододаш ҳамаи монеаҳоро паси сар кардааст. Ҳақ бар ҷониби Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки дар асараш «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» навиштааст: «Ҳар кӣ дар тирборони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар хаданги (тири) умедаш ба ҳадафи мурод расад».

Дар ҳама кор ва иҷрои вазифаҳои вазнину муҳим сабру тоқат ва таҳаммул зоҳир карда, дар ин ҷода аз дигар ҳамкорон ба куллӣ фарқ намуда, ба мақсаду мароми ниҳоиаш расидааст.

Номбурда дар КБД -и ҶШС Тоҷикистон хизматро аз вазифаи ниҳоят масъулу муҳим - рамзнавис (шифровальщик) сар кардааст. Поксириштӣ, ақли расо, чолокиашро ба назар гирифта, ӯро соли 1972 муҳофизи Котиби аввали КМ ҲК ҶШС Тоҷикистон шодравон Ҷ. Р. Расулов таъин намуданд. Бояд қайд намуд, ки дар замони шӯравӣ на ҳамаро, алалхусус кормандони маҳаллиро, ба вазифаҳои дар боло зикргардида таъин мекарданд.

Шахси мавриди назар 12 сол (1981 – 1992) вазифаҳои ёрдамчӣ, муовини сардори Раёсати Комитети бехатарии давлатиро дар вилояти Кӯлоб ва баъд Хатлонро ба уҳда дошт.

Интихоб, омӯзиш ва ҷобаҷогузории кадрҳо, махсусан дар мақомоти амният, масъулияти касбии баланд, заҳмати беандозаро талаб менамуд. Х. Ҳамроқулов аз иҷрои ин вазифаи пурмасъулу муҳим бо сари баланд баромад. Дар натиҷаи тафтишҳои аз тарафи марказ (Москва) гузаронидашуда, раёсатҳои бехатарии давлатии вилоятҳои Кӯлобу Хатлон дар кори таълиму тарбия, инчунин, тайёрии ҳарбиву ҷисмонии ҳайати шахсӣ якчанд сол пайи ҳам дар миқёси шӯравӣ ҷои намунавиро ишғол намуданд.

Доимо ҷонибдори адолат, волоияти қонуну ҳақиқат буд ва ҳаст. Боре ба вазифаи сардори шуъбачаи КБД-и яке аз ноҳияҳои вилояти Хатлон бо «дастгирии шахси баландпояе» афсареро таъин намуданд, ки таҷриба ва дониши кофӣ барои роҳбарӣ надошт. Х. Ҳамроқулов принсипнокӣ зоҳир намуд ва ба роҳбарияти КБД-и ҶШС Тоҷикистон оид ба ин таъиноти хато муроҷиат кард. Дар натиҷа, фармони таъиноти афсари номбурда бекор ва ба ҷои ӯ кадри таҷрибадору болаёқат, зиндаёд В. Б. Бӯймамадов таъин гардид.

Табиатан Х. Ҳамроқулов шахси бунёдкор ва созанда аст. Масалан, ҳини хизмат дар Раёсати КБД - и вилояти Кӯлоб бо талошу ҷидду ҷаҳд ва заҳматҳои ӯ дар як муддати ниҳоят кӯтоҳ ба тариқи ҳашар, бо иштироки фаъолонаи ҳайати шахсии раёсати мазкур, дар яке аз минтақаҳои зебоманзари деҳаи Душанбеча (чор км дуртар аз маркази ноҳияи Муъминободи ҳозира) истироҳатгоҳ барои кормандон ва аъзои оилаи онҳо сохта, ба истифода дода шуд.

Қобилияти баланди ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ ва кордонии Х. Ҳамроқуловро ба ҳисоб гирифта, ӯро соли 1992 роҳбарияти вақти Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори Хадамоти гумруки кишвари тозаистиқлол таъин намуд.

Дар он солҳои барои мамлакат вазнин дар ин вазифаи муҳиму масъул кор кардан кори осон набуд. Бо ташаббуси мавсуф қонунҳо, низомномаҳо ва дигар санадҳои соҳавии лозимӣ таҳияву қабул шуданд. Бо якчанд давлатҳои хориҷӣ шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба оид ба танзими кори байналхалқии Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расиданд, ки фаъолияти байнидавлатии кормандони соҳаро осон намуданд.

Соли 1996 Х. Ҳамроқулов дубора ба Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор баргашта, то соли 2000 вазифаи вазириро ба уҳда дошт. Ба замми ҳалли дигар масъалаҳо, сарпарастии гурӯҳи ноҳияҳои водии Раштро низ ба зиммаи ӯ гузошта буданд. Ҳамаи супоришҳоро сари вақт ва бо сифати баланд иҷро кард. Аз рӯи нақли ҳамсафарон, Х. Ҳамроқулов якчанд маротиба зери таҳдид ва гаравгонгирии қувваҳои моҷароҷӯ гаштааст. Аммо оид ба ин ҳодисаҳои нохуш чизе изҳор накардааст.

Яке аз хислатҳои ҳамидаи Х. Ҳамроқулов шикастанафсӣ аст. Беадолатиро, махсусан беадолатии иҷтимоиро, намепазирад.

Шиори ӯ дар зиндагӣ «Кори имрӯзро ба фардо магузор» мебошад. Маъракаоро буда, аз паси кас ғайбат карданро намеписандад. Ба аҳди бастааш устувор аст. Дар дӯстиву рафоқат ҳамто надорад.

Х. Ҳамроқулов мунтазам кор карда, дониш андӯхтанро шуғли ҳаррӯза медонад. Ҳамин буд, ки ӯ соли 2000-ум дар мавзӯи «Робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш» рисолаи илмӣ ҳимоя намуд ва соҳиби унвони номзади илми иқтисод гардид.

Бо нишони «Спитамен» ва якчанд нишонҳои сарисинагии Иттиҳоди Шӯравӣ ва мамолики хориҷӣ, инчунин як силсила ифтихорномаҳои Кумитаи давлатии бехатарии Иттиҳоди Шӯравӣ, Кумитаи давлатии бехатарии ҶШС Тоҷикистон, вазоратҳои амният ва корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардидааст. Барои шуҷоат ва садоқати ҳарбӣ ҳангоми иҷрои вазифаи интернатсионалӣ дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон ӯ бо ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ ва якчанд нишонаҳои сарисинагӣ қадрдонӣ шудааст.

Х. Ҳамроқулов ҳоло дар нафақа бошад ҳам, ҳеҷ гоҳ ӯро бекор намебинед ва ӯ доимо ба ягон амали муфид машғул аст.

Ӯ пас аз нафақа баромадан дар зодгоҳи худ деҳаи Фароб аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву корношоям дар масоҳати зиёда аз 10 гектар боғеро бунёд намуд, ки дар он бештар аз дусад навъ ниҳолу бутта ва дарахтони мевадиҳанда парвариш меёбанд. Аксари дарахтон аллакай ҳосили дилхоҳ дода истодаанд. Дар дохили боғ, якчанд ҳавзи моҳипарварӣ амал мекунад. Барои таъмини мардуми деҳа ва дигар рустоҳои шаҳри Панҷакент дар боғи мазкур гармхона амал мекунад, ки дар он ниҳолҳои гуногун парвариш ва ройгон ба мардум тақсим карда мешаванд.

Х. Ҳамроқулов дар оиладорӣ намуна аст. Бо ҳамсараш шодравон Робиа Аллаёровна зиндагии хушу гуворо дошт. Ин зани донишманду сиёсатмадори шинохта якчанд моҳ қабл аз дунё даргузашт. Онҳо соҳиби ду фарзанд буда, дар идораҳои давлатӣ фаъолияти пурсамар доранд.

Ба ӯ саломатӣ, сарбаландӣ, саодати зиндагӣ ва умри дарози бобаракатро орзу менамоем.

**Э. МУҲИДДИНОВ, генерал - майори мустаъфӣ, Р. МАҲМАДАЛИЕВ, генерал - майори мустаъфӣ**

**Дар деҳаи мо марде мезист. Заҳматкашу номдор буд. Панҷ сол қатори фарзандони далери Давлати Шӯравӣ муқобили фашизм ҷангида буд. Баъд аз ғалаба ба зодгоҳаш бо сари баланду пеши бар пур аз ордену медал баргашт. Саводи хуб ҳам дошт. Чанд сол раиси колхоз ҳам буд. Аммо Офаридгор ба вай фарзанд надод. Ба тақдираш тан дод.**

# ФАРЗАНДИ НЕК - БОҒИ ПАДАР

Агар дар деҳа наврасе ё ҷавоне гуноҳ содир мекард, вай лаб ба насиҳати падару модар мекушод. Мегуфт, ки фарзанд надоштан як ғам дораду фарзанд доштан сад ғам. Ғами бефарзанд аз набудани идомаи насл аст, вале ғами фарзанддор аз таълиму тарбияаш, хонадор кардану соҳиби ҷои кор намуданаш. Падару модар ғам мехӯранд, ки баъд аз сари эшон фарзандашон дар зиндагӣ роҳашро меёбад ё не...

Мақсад аз ин муқаддима чист? Шунидам, ки аз кишвари Сурия кӯдакони ятиму ғарибро ҳамроҳи модаронашон ба Тоҷикистон оварданд. Ин ибтикору ғамхории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Шахсе, ки ҳастиашро ба рушди мамлакату таъмини зиндагии шоистаи сокинони он бахшидаанд. Аҳсан мехонам ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Аҳсан мехонам, ки ба тифлакони бегуноҳ, ки бо гумроҳии падарон дар он мулки бегона ғариб мондаанд, дилашон месӯзад ва намегузоранд, ки тифли тоҷик дар муҳити бегона ба воя расад. Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат пайваста заҳмат мекашад, вале мо дар ҷавоб ба чӣ коре машғул ҳастем? Чаро пеши роҳи ҷавонони роҳгумкардаро намегирем? Чаро панд намегӯем, ки дар интихоби роҳ бедору ҳушёр бошанд?

Дар Тоҷикистон барои насли наврас ва ҷавонон ҳама шароит фароҳам оварда шудааст. Ҳар кас хоҳиши таҳсил дар мадраса дорад, касе пеши роҳашро намегирад. Дар шаҳру деҳаҳо масҷидҳо фаъолият мекунанду ҳама имкон доранд, ки ба ибодат машғул бошанд. Даврони соҳибистиқлолӣ барои соҳибкасб гардидани ҷавонон даҳҳо донишгоҳу донишкада таъсис ёфт.

Таассуфовар аст, ки на ҳама падару модарон ба таълиму тарбияи фарзанд диққати ҷиддӣ медиҳанд. Ҳамин бепарвогии сокинони кишвар буд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул шуд ва он саривақтию муҳим буд. Бояд ҳар кадомамон барои дар ҳаёт татбиқ гардидани қонуни мазкур талош кунем.

Тарбияи насли наврас танҳо вазифаи падару модар ва омӯзгорон нест, бояд ҷомеа низ саҳмгузор бошад. Дар даврони бачагии мо агар аз деҳе ҷавоне бо кирдори неку рафтори писандида кореро анҷом медод, пиру барно ифтихор мекарданд. Ба падару модараш аҳсан мехонданд ва агар гуноҳе содир менамуд, тамоми мардум хиҷолат мекашиданд. Пирон ҷамъ мешуданд ва волидайни он гунаҳкорро зери тозиёнаи танқид мекашиданд. Чаро имрӯз мо бепарвоем?!

Бовар дорам, ки мо - тоҷикон миллати тамаддунофарему сар ба рӯи даст гузошта андеша мекунем. Ба ёд меорем, ки солҳои соҳибистиқлолӣ чӣ қадар дигаргуниҳо насибамон гаштааст. Ҳукумати Тоҷикистон ҳама вақт барои ободию соҳибистиқлолӣ, зиндагии саодатмандонаи мардум талош мекунад. Камари ҳиммат мебандему барои амалӣ гардидани барномаҳоиояндасози Ҳукумати кишвар, тарбияи фарзандони сазовори миллат беш аз пеш заҳмат мекашем.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

Китобиёт

# ЗИКРИ ХАЙР АЗ ОЛИМИ ВАТАНДӮСТ

**Чанде пеш нашриёти «Балоғат» китоби рӯзноманигори ҷавон Шаҳло Раҷабалиеваро зеро унвони «Достони нотамом» аз чоп баровард, ки он ба ҳаёту фаъолияти собиқ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист, доктори илмҳои техникӣ, профессор шодравон Талбак Салимов бахшида шудааст.**

Номбурда дастпарвари факултети гидромелиоратсияи Донишкадаи хоҷагии қишлоқ (ҳоло Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур) буда, соли 1990 дар шаҳри Москва рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Омодасозии заминҳои обёришавандаи зардхоки тарҳашон мураккаб барои шароити Тоҷикистон» ҳимоя кард. Сипас, ба ҳайси ходими илмӣ, директори Маркази илмӣ – тадқиқотии ҳифзи захираҳои об, ноиби ректор оид ба илми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, роҳбари гурӯҳи миллии лоиҳаи Бонки ҷаҳонӣ – «Баҳодиҳӣ ва идораи сифати об» фаъолият намуд. Соли 2004 дар мавзӯи «Такмилсозии технологияи ҳамворсозии заминҳои обӣ дар минтақаҳои хушкиқлим» рисолаи докторӣ ҳимоя намуд.

Солҳои 2010 - 2011 ба ҳайси муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин фаъолият карда, дар таҳияву коркарди 6 қонуни соҳавӣ саҳми назаррас гузошт.

Ҳангоми дар вазифаи раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доштан қаҳрамони матлаб Клуби рӯзноманигорони экологиро таъсис дод, ки то имрӯз фаъолият намуда истодааст.

Вай, ҳамчунин, дар назди кумита маҷаллаи «Ҳифзи табиат»- ро таъсис дод, ки ҳар семоҳа бо сифати баланд ба дасти муштариён мерасад.

Т. Салимов муаллифи китобҳои «Экология», «Бехатарии фаъолияти инсон», «Луғати англисӣ- русӣ – тоҷикӣ», «Экология ва об», «Обҳои Тоҷикистон», «Фалокати Арал фоҷиаи кист?» мебошад.




Дар китоби «Достони нотамом» хотираҳои сардабири нашрияи «Инсон ва табиат» Ҷамолиддин Яъқубӣ, аъзои Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Азизулло Мирзозода, нависандагони халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад ва Раҷаб Мардон, директори Маркази яхшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор Абдулҳамид Қаюмов, муовини сардори Маркази ахбори экологии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ибодулло Сангов ва дигарон, ки бо Талбак Салимов кору таҳсил кардаанд, ҷой дода шудааст.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# ВОСЕЪ: ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББӢ БЕҲТАР МЕГАРДАД






**Беморхонаи марказии ноҳияи Восеъ аз се ошёна иборат буда, дар ҳамкорӣ бо Бонки рушди Олмон таъмиру навсозӣ шуд. Тавре сардухтури беморхонаи ноҳия Сарахон Иброҳимзода иттилоъ дод, солҳои пешин шароити хизматрасонӣ дар беморхона он қадар хуб набуд. Таҷҳизот намерасид, ҳуҷраҳои кории табибон ва беморон ба талаботи рӯз ҷавобгӯ набуданд. Имрӯз бо дастгирӣ ва роҳнамоиҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беморхона азнавсозӣ гардид.**

- Баъд аз тармиму навсозии бинои беморхона ҳуҷраҳои кории табибон ва утоқҳои беморон бо мизу курсиҳои замонавӣ, рахти хоб, роҳаткурсиҳо ва дигар лавозимоту таҷҳизот таъмин шуданд, - гуфт Сарахон Иброҳимзода.

Бо мақсади рушди соҳа ва беҳтар гардидани сифати хизматрасонии тиббӣ соли 2021 аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба беморхона ду мошини ёрии таъҷилӣ тақдим гардид.

- Ҳоло дар беморхона беҳтарин мутахассисони соҳаи тиб кору фаъолият мекунанд, ки беш аз 70 фоизашонро табибони ҷавон ташкил медиҳанд. Барои баланд бардоштани савияи дониши табибони ҷавон тамоми тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Биноан, бо раиси ноҳия Ҷамшед Шарифзода иқдом гирифтем, ки духтурони ҷавонро бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ таъмин намоем, - гуфт ҳамсуҳбатам.

Акнун беморхона аз рӯи барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2022 фаъолияташро ба роҳ мондааст.

Беморхона аз даҳ шуъба - ҷарроҳии калонсолон, шуъбаи кӯдакона, урология, таваллудхона, эҳёгарӣ, шуъбаи амрози даруна, дил, асаб, сироятӣ ва ду шуъбаи ташхисиву таҳлилӣ иборат буда, бо таҷҳизоти муосири тиббӣ муҷаҳҳаз шуданд. Табиист, ки ин ҳама дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии мамлакат мебошад.

Ба гуфти номбурда, дар нимсолаи аввали соли 2022 дар беморхона 3202 бемор бистарӣ буданд. Феълан беморхона ба 240 ҳазор нафар аҳолии ноҳия хизмати тиббӣ мерасонад ва дар он 48 нафар табибони маълумоти олидор ва 182 корманди миёнаи тиб фаъолият мекунанд.

**И. РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

# ДАР ШАШ ЯРМАРКА 118 КАС ҶОИ КОР ЁФТАНД

**- Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Муъминобод бо мақсади иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ва «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2022», дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ 1067 шаҳрвандро, ки барои дарёфти ҷои кор муроҷиат намуданд, қабул намуд, ки аз инҳо 403 нафарашон занон мебошанд, - гуфт зимни суҳбат сардори шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Муъминобод Абдуқаюм Исуфов.**

Дар ин давра тавассути татбиқи барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ 435 нафар бо ҷои кор таъмин гардиданд, ки 229 нафарашон занон мебошанд. Илова бар ин, 400 нафар аз рӯи ихтисосҳои гуногун ба курсҳои омӯзишӣ ҷалб гардиданд.

Тибқи нақшаи тасдиқшуда, соли 2022 бояд 440 сокини ноҳия ба касбомӯзӣ фаро гирифта мешуданд. То ин вақт 400 кас ба омӯзиши касбҳои дӯзандагӣ, боғпарварӣ, кафшергарӣ, чакандӯзӣ, гулдӯзӣ фаро гирифта шуданд. Инчунин, дар шаш ярмаркаи доиршуда 118 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд.

**Р. ИСЛОМ, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ЛОТ | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411053 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Кортҳои пластикӣ ва лентаҳо барои чопи пурраи ранга | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 08.09.2022 15:15:00 |
| 2 | 411054 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб «Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб» | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.09.2022 15:20:00 |
| 3 | 411052 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 08.09.2022 15:30:00 |
| 4 | 411055 | Хадамоти давлатии «Муҳофиз»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизот барои системаҳои муҳофизатӣ ва сигнализатсия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.09.2022 15:30:00 |
| 5 | 411062 | Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири қисман, рангубори дохилию берунии бино, сохтани (гузоштани) девор дар синфхонаи ошёнаҳои 8, 11, 12-уми академия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2022 15:50:00 |
| 6 | 411058 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Манекен, молҳои барқӣ, либосҳои саҳнавӣ, гулҳои тару тозаи мавсимӣ ва асбобҳои барқии дастӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 43 | 08.09.2022 16:00:00 |
| 7 | 411063 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Тухми гулҳои мавсимӣ, нуриҳои минералӣ ва дигар маводҳои гуногуни ободонӣ барои Маркази таълимии «Бонки миллии Тоҷикистон» дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 08.09.2022 16:05:00 |
| 8 | 411065 | Мактаб-интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявӣ ба номи Миратулло Атоев | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 08.09.2022 16:30:27 |
| 9 | 411059 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Битум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.09.2022 16:40:00 |
| 10 | 411066 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Масолеҳи сохтмонӣ, барқӣ, сантехникӣ, техникаи маишӣ, таҷҳизоти техникӣ, инвентари нарм ва мебели идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 135 | 08.09.2022 16:45:23 |
| 11 | 411067 | Гимназияи №1 ба номи Раҳим Ҷалил дар шаҳри Хуҷанд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.09.2022 17:58:55 |
| 12 | 411068 | Шуъбаи фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент | Хариди либосҳои саҳнавӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 08.09.2022 18:21:30 |
| 13 | 411069 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №2 ба номи Камоли Хуҷандӣ» дар шаҳри Бӯстон | Мебел, асбобу анҷоми лабораторӣ ва хониш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 08.09.2022 20:15:50 |
| 14 | 411070 | Муассисаи таълимии давлатии «Литсейи касбии политехникии шаҳри Хуҷанд» | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 08.09.2022 20:16:00 |
| 15 | 411089 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи 3 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 12.09.2022 08:03:13 |
| 16 | 411071 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» дар ноҳияи Данғара | Таъмири ҷории бинои хобгоҳи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.09.2022 08:07:57 |
| 17 | 411060 | Шуъбаи дезинфексияи профилактикӣ дар шаҳри Бохтар | Автомашинаи сабукрав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.09.2022 08:10:55 |
| 18 | 411072 | «Маркази саломатӣ»-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Таъмири асосии бинои марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.09.2022 08:11:44 |
| 19 | 411073 | Мактаби варзишӣ ба номи Толиб Ғафорови ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Сохтани майдончаи варзишӣ дар мактаб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.09.2022 08:15:12 |
| 20 | 411091 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.09.2022 09:00:10 |
| 21 | 411075 | Корхонаи воҳиди давлатии Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | Кортҳои пардохтии пластикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.09.2022 11:00:00 |
| 22 | 411076 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №2 ба номи Камоли Хуҷандӣ» дар шаҳри Бӯстон | Мебел, асбобу анҷоми лабораторӣ ва хониш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 12.09.2022 13:00:00 |
| 23 | 411077 | Кумитаи вилоятии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии анбори аслиҳа, утоқҳои корӣ, ҳуҷраи тирпарронии кушода дар Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.09.2022 13:00:00 |
| 24 | 411078 | Кумитаи вилоятии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи вилояти Суғд | Автомашинаи тамғаи «Toyota Camry» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.09.2022 13:00:00 |
| 25 | 411081 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии Боғи фарҳангию фароғатӣ ба номи «Темурмалик» дар шаҳри Гулистон, воқеъ дар кӯчаи Мирзо Турсунзода (коркард ва иҷрои барелефи муҷассама бо маводи нарм ва сахт, марҳилаи 2-юм) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.09.2022 14:00:00 |
| 26 | 411082 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Боғи фарҳангию фароғатӣ дар назди Муассисаи давлатии вилоятии Қасри маданияти «Арбоб» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (корҳои сохтмонии истгоҳи барқии трансформатор ва насби камераҳои мушоҳидавӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.09.2022 14:00:00 |
| 27 | 411083 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Боғи фарҳангию фароғатӣ дар назди Муассисаи давлатии вилоятии Қасри маданияти «Арбоб» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (корҳои кашидани хатти барқ ва насби трансформатор) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.09.2022 14:00:00 |
| 28 | 411084 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавсозӣ ва чароғонкунии шоҳроҳи Хуҷанд-Ғафуров (корҳои заминӣ ва насби таҷҳизоти барқӣ, марҳилаи 1-ум) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.09.2022 14:00:00 |
| 29 | 411080 | МД «Нигоҳдории боғу гулгаштҳо, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансур | Ниҳоли гул, ниҳоли дарахтони ороишӣ, гули садбарг | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 12.09.2022 14:24:24 |
| 30 | 411090 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони рӯҳӣ»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Қолинҳои роҳрав, қолин ва кати тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 12.09.2022 14:40:00 |
| 31 | 411064 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Ишкошим | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.09.2022 15:00:00 |
| 32 | 411079 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гулҳои мавсимӣ, нуриҳои органикӣ, маъданӣ, қисмҳои эҳтиётии автомобилҳо, флиппер, аккумулятор, шинаҳои автомобилӣ ва камераи чархҳои резинии автомашина | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 12.09.2022 15:55:55 |
| 33 | 411057 | Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хоруғ | Таъмири ҷории бинои хобгоҳи муассисаи таълимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.09.2022 16:00:00 |
| 34 | 411061 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди минтақаи Бартанги ноҳияи Рӯшон | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 12.09.2022 16:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## САРИДОРАИ ҲИФЗИ СИРРИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШИ ЯКҶОЯ

**аз 13 июли соли 2022 №510** **аз 14 июли соли 2022, №98**

**Дар бораи аз эътибор соқит намудани баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 190.010.000**

Мутобиқи моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»

**ФАРМОИШ МЕДИҲЕМ:**

1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин аз эътибор соқит дониста шаванд:

- фармоиши якҷояи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсат оид ба масъалаҳои сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 октябри соли 1999, №383/112 «Дар бораи Номгӯйи бемориҳое, ки шахсони ба онҳо мубтало ба сирри давлатӣ иҷозат дода намешаванд», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 июни соли 2000, №006 ба қайд гирифта шудааст;

- фармоиши якҷояи вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022, №202 ва аз 18 марти соли 2022, №52 «Дар бораи Номгӯйи бемориҳое, ки шахсони ба онҳо мубтало ба сирри давлатӣ рухсат дода намешаванд».

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода**

**Сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳтам Абдуллозода**

***Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рамзи р/б № 006[1] аз 22 июли соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.***

# ДАЪВАТНОМА БАРОИ ҚАБУЛИ ПЕШНИҲОДҲОИ ТИҶОРАТӢ

## ОИД БА СОХТМОНИ МАБРАЗ

| | |
|---|---|
| **Фармоишгар** | Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «Насли ҷавони Тоҷикистон» (ТҶҶ «НҶТ») |
| **Номгӯйи хизматрасонӣ** | Сохтмони мабраз дар ҳудуди ноҳияҳои Спитамен ва Ҷаббор Расулови вилояти Суғд |
| **Сана** | 10 августи соли 2022 |
| **Мӯҳлати ниҳоии супоридани пешниҳод** | 25 августи соли 2022 |
| **Иртибот барои бо мо пайвастшавӣ** | ш. Душанбе, н. Сомонӣ, кӯчаи Пӯлод Толис 5, ҳуҷраи 10/11. почтаи электронӣ: info@ygt.tj, тел.: 44 6206146 ш. Хуҷанд, хиёбони Р. Ҷалил 88/90, тел.: 8 3422 5-12-12 |
| **Шахсони масъул** | Сармуҳосиб - Хайрова Фарангис +992 8888 44466, +992 93 7977572. Муҳосиби намояндагӣ - Ҳамидова Марҳамат 8 3422 5-12-12; + 992 92 9972922 |

**МУҲТАРАМ ХОНУМОН ВА ҶАНОБОН!**

Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «Насли ҷавони Тоҷикистон» шуморо барои ирсоли пешниҳодҳои тиҷоратӣ оид ба сохтмони ду адад мабраз барои 10 ҷои нишаст, як адад мабраз барои 8 ҷои нишаст ва як адад мабраз барои 6 ҷои нишаст дар ҳудуди вилояти Суғд даъват менамояд.

**Пешниҳодҳо аз тамоми Тоҷикистон қабул карда мешаванд**

Нархномаи аз тарафи «Ширкати хизматрасон» пешниҳодшуда бояд ҳама намуди уҳдадориҳои андозии «Ширкати хизматрасон»-ро дар бар гирад, яъне андоз аз арзиши иловашуда (15%) ё андоз тибқи низоми содакардашуда (6%) (нарх бояд бо ҷамъи ин намуди андозҳо нишон дода шавад). «Ширкати хизматрасон» бояд, барои амалӣ намудани хизматрасонии корҳои сохтмонӣ «Иҷозатнома» ва барои масолеҳи сохтмонӣ сертификати мутобиқати мол дошта бошад ва ба сифати иҷрои корҳои сохтмонӣ кафолат диҳад.

Иштирокчиён метавонанд маълумоти иловагӣ дар бораи тендерро аз суроғаи зерин дастрас кунанд ва ё пешниҳодҳои тиҷоратиро ба суроғаҳои: шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Пӯлод Толис 5, ҳуҷраи 10/11 ва шаҳри Хуҷанд, хиёбони Р. Ҷалил 88/90 ё тавассути почтаи электронӣ ба **info@ygt.tj на дертар аз 25 августи соли 2022 то анҷоми рӯзи корӣ** расонанд.

# ДАЪВАТНОМА БАРОИ ҚАБУЛИ ПЕШНИҲОДҲОИ ТИҶОРАТӢ

## ОИД БА ХАРИДИ МОЛУ МАВОДҲО БАРОИ БАРҚАРОРКУНИИ ЧОҲИ АМУДӢ

| | |
|---|---|
| **Фармоишгар** | Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «Насли ҷавони Тоҷикистон» (ТҶҶ «НҶТ») |
| **Номгӯйи хизматрасонӣ** | Хариди молу маводҳои сохтмонӣ барои барқароркунии чоҳи амудӣ дар ҳудуди ноҳияи Спитамени вилояти Суғд |
| **Сана** | 10 августи соли 2022 |
| **Мӯҳлати ниҳоии супоридани пешниҳод** | 22 августи соли 2022 |
| **Иртибот барои бо мо пайвастшавӣ** | ш.Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Пӯлод Толис 5, ҳуҷраи 10/11, почтаи электронӣ: info@ygt.tj, тел.: 44 6206146 ш.Хуҷанд, хиёбони Р.Ҷалил 88/90 тел: 8 3422 5-12-12 |
| **Шахсони масъул** | Сармуҳосиб - Хайрова Фарангис +992 8888 44466, +992 93 7977572. Муҳосиби намояндагӣ - Ҳамидова Марҳамат 8 3422 5-12-12; + 992 92 9972922 |

**МУҲТАРАМ ХОНУМОН ВА ҶАНОБОН!**

Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «Насли ҷавони Тоҷикистон» шуморо барои ирсоли пешниҳодҳои тиҷоратӣ оид ба хариди молу маводҳои сохтмонӣ барои барқароркунии чоҳи амудӣ дар ҳудуди вилояти Суғд даъват менамояд.

**Пешниҳодҳо аз тамоми Тоҷикистон қабул карда мешаванд**

Нархномаи аз тарафи «Ширкати молрасон» пешниҳодшуда бояд ҳама намуди уҳдадориҳои андозии «Ширкати молрасон»-ро дар бар гирад, яъне андоз аз арзиши иловашуда (15%) ё андоз тибқи низоми содакардашуда (6%) (нарх бояд бо ҷамъи ин намуди андозҳо нишон дода шавад). «Ширкати молрасон» бояд барои молҳои дастраскардашуда сертификати мутобиқати мол дошта бошад ва кафолати сифати молҳои дастраскардашударо таъмин намояд.

Иштирокчиён метавонанд маълумоти иловагӣ дар бораи тендерро аз суроғаи зерин дастрас кунанд ва ё пешниҳодҳои тиҷоратиро ба суроғаҳои: шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Пӯлод Толис 5, ҳуҷраи 10/11 ва шаҳри Хуҷанд, хиёбони Р.Ҷалил 88/90 ё тавассути почтаи электронӣ ба **info@ygt.tj** на **дертар аз 22 августи соли 2022 то анҷоми рӯзи корӣ** расонанд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе соли 1998 бо суроғаи шаҳраки Варзоб, хонаи №166 ба Норов Қурбоналӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А № 03771714-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2021 ба Матказиев Акбар Шокирович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2013 бо суроғаи кӯчаи Саҳбо-2, хонаи 3 «а» ба Саидов Мирзораҷаб Саидҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкории № 092734, РЯМ 6030003513, РМА 605255685-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент соли 2009 ба Ҷӯрабоева Ганҷина Шавкатовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи Бӯстонсарои ҷамъиятӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Тезгари боло аз соли 2008, мутааллиқ ба Пардаев Илҳом, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №25168, дафтари ҳавлидорӣ, сертификати замин, шаҳодатномаи бақайдгирии гумшуда бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Сароб, мутааллиқ ба Ахатова Урозой, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии №130482-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №79-и ноҳияи Варзоб (ҳоло МТМУ №3) -и ноҳияи Варзоб соли 1985 ба Нуралиева Рухсора Мухторовна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкории № 037715 бо РЯМ 6030142214-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент соли 2019 ба Баҳодури Иброҳим додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкории №092918715, РЯМ 6030001945, РМА 605286702-и гумшуда ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент соли 2009 ба Олимов Самадҷон Асадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТА № 0241514-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №77-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2015 ба Шоҳрухи Давлатмамадзода додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 47-и шаҳри Ҳисор соли 1997 ба Уроқова Шоира Холмуродовна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти № 0342886 бо РЯМ 0230073058-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе соли 2018 ба Одинаев Сайдакбар Алиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи № 29Б – 326-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 ноябри соли 2009 бо суроғаи кӯчаи Ҳаёти нав, хонаи №91/1 ба Садыков Нусратулло Рахматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои ҳавлидорӣ бо рақами барӯйхатгирии 18248-и гумшуда, ки онро КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Ҳисор 7 майи соли 2012 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Хонақоҳи кӯҳӣ, деҳаи Кушкани мазор ба Раҳимов Ҷалил додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкории № 0006795, РЯМ 0331195700-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2013 ба Ниёзова Хайрунисо Наврузбокиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хидматии силсилаи АГ № 181-и гумшуда, ки онро Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 ба Сайфуллозода Иноятулло Илҳомҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи Т-АТА № 1222644-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №118-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2021 ба Исломзода Саидэҳсони Илёсидин додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми № 2196020-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1 ба номи Н. Крупскаяи шаҳри Кофарниҳон соли 1994 ба Шатуборов Насим Мубаракшоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқ истифодаи замини дараҷаи № 0189831-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини ноҳияи Файзобод соли 2004 бо суроғаи Ҷамоати деҳоти Бӯстон, деҳаи Ҳаймаҳмадӣ ба Одинаев Саидакрам Шамсулоевич додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «COTUS», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо РЯМ 7010000626, РМА 700000726 буда, онро Нозироти андози шаҳри Хоруғ соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Нуркап», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо РЯМ 7510000685, РМА 750001828 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Мурғоб додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Забиров», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо РЯМ 1410002102, РМА 140001811 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Файзобод додааст, фаъолияташро эътибор надорад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои МАРДУМ
Конституция - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 22 августи соли 2022, соати 18:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров